«ТАСДИҚ ШУДААСТ»

Бо Қарори Муассисони Ҷамъият
аз «22» апрели соли 2016

# ОИННОМАИ
# Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти қарзии хурди «Меҳнатобод»

соли 2016

## Боби 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти қарзии хурди **«Меҳнатобод»**, ки минбаъд дар матни Оинномаи мазкур «Ҷамъият» ном бурда мешавад, дар асоси қарори Муассис (Протоколи №2 аз «23» декабри соли 2005), мувофиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур, таъсис дода шуда дар асоси онҳо амал мекунад.

1.2. Муассисони Ҷамъият, ки минбаъд дар матни Оинномаи мазкур «Иштирокчиён» ном бурда мешавад шахси ҳуқуқии зерин мебошад:

- Ташкилоти Ҷамъиятии Маркази Дастгирии Ҷамоати «Наргис»-и ноҳияи Бохтар мебошад, ки дар Идораи адлияи Ҳукумати вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, шаҳодатномаи № 166 аз 25 сентябри соли 2002 буда, аз нав дар Идораи Адлияи вилояти Хатлон № 166 аз 20 июни соли 2006, ва баьдан дар Раёсати Адлияи вилояти Хатлон бо шаҳодатномаи 51 «А» аз 10 декабри соли 2007 аз қайди давлати гузаштааст.
- Ташкилоти Ҷамъиятии Маркази Дастгирии Ҷамоати «Ворух»-и ноҳияи Исфара мебошад, ки дар Раёсати адлияи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, шаҳодатномаи № 004-1164.А аз 18 декабри соли 2007 аз қайди давлати гузаштааст.
- Ташкилоти Ҷамъиятии Маркази Дастгирии Ҷамоати «Обшорон»-и ноҳияи Шаҳритуз мебошад, ки дар Раёсати адлияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, дорои шаҳодатномаи бақайдгирии № ИЧ-46 «А» аз 10 декабри соли 2007 аз қайди давлати гузаштааст.

Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Иштирокчиён дар оянда метавонанд дигар Иштирокчиён низ бошанд.

1.3. Ҳуҷҷати таъсисии Ҷамъият Оинномаи он, шартномаи таъсисотӣ ва шартномаи ҳамроҳшавӣ, ки миёни Муассисон баста шудааст, ба ҳисоб мераванд.

1.4. Номи расмии Ҷамъият:

<u>Номи пурраи Ҷамъият чунин мебошад:</u>

- ба забони тоҷикӣ: Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти қарзии хурди **«Меҳнатобод»;**
- ба забони руси: Общество с ограниченной ответственностью Микрокредитная организация **«Мехнатобод»**;
- ба забони англисӣ: Limited Liability Company Microcredit Organization **«Mehnatobod»**.

<u>Номи ихтисоршудаи (мухтасари) Ҷамъият чунин мебошад:</u>

- ба забони тоҷикӣ: ҶДММ ТҚХ «**Меҳнатобод**»;
- ба забони русӣ: ООО МКО **«Мехнатобод»;**
- ба забони англисӣ: LLC MCO **«Mehnatobod».**

1.5. Суроғаи ҳуқуқии Ҷамъият: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Бохтар, ҷамоати деҳоти Меҳнатобод.

1.6. Ҷамъият ба мӯҳлати номуайяни вақт ва давраи номаҳдуд таъсис дода шудааст ва то барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии он мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

1.7. Филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохтории Ҷамъият бо он дорои номи ягонаи пурра ва мухтасари расмӣ (фирмавӣ) бо иловаи калимае, ки вазъи онро мефаҳмонад, мебошанд.

1.8. Ҷамъият метавонад филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохтории худро дар тамоми минтақаҳои (шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ғ.) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Иштирокчиён кушояд ва таъсис диҳад.

## Боби 2. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ИШТИРОКЧИЁН

2.1. Иштирокчиёни Ҷамъият ҳуқуқ дорад:

2.1.1. дар идораи корҳои Ҷамъият бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур иштирок намояд;

2.1.2. оид ба фаъолияти Ҷамъият маълумот гирад ва бо китобҳои муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Иштирокчиёни Ҷамъият шинос шавад;

2.1.3. дар тақсими фоидаи Ҷамъият иштирок намояд;

2.1.4. ҳиссаи даромадро, мутобиқи муқаррароти Оинномаи мазкур, гирад;

2.1.5. ҳиссаи (қисми ҳиссаи) худро дар Сармояи оинномавии Ҷамъият ба шахсони сеюм, аз ҷумла ба ғайрирезидентҳо бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур фурӯшад ё бо дигар роҳ гузашт кунад;

2.1.6. дар ҳолати барҳамдиҳии Ҷамъият қисми амволеро, ки баъд аз ҳисобукитоб бо кредиторон боқӣ мемонад ё арзиши онро, гирад;

2.2. Иштирокчиёни Ҷамъият ӯҳдоранд:

2.2.1. пардохти ҳиссаи муайянро дар Сармояи оинномавӣ дар ҳаҷм ва бо шартҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур амалӣ намоянд;

2.2.2. фурӯш ва бо дигар роҳ гузашт кардани ҳиссаи (қисми ҳиссаи) худро ба шахсони сеюм, аз ҷумла ба ғайрирезидентҳо танҳо мутобиқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур амалӣ намояд;

2.2.3. муқаррароти Оинномаи мазкурро риоя намояд;

2.2.4. маълумоти махфиро оид ба фаъолияти Ҷамъият фош накунад.

## Боби 3. МАҚСАД ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТ

3.1. Ҷамъият бо мақсади пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», таъсис дода шудааст ва барои ноил гардидан ба мақсади мазкур Ҷамъият мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Ҷамъият амалиёти бонкии зеринро, ки барои он иҷозатномаи дахлдори мақомоти иҷозатномадиҳиро соҳиб мебошад, анҷом медиҳад, аз он ҷумла:

**- пешниҳоди қарзҳои хурд;**
**- бастани қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ.**

3.2. Ҳамзамон, Ҷамъият дар баробари фаъолияти иҷозатномавии худ ҳуқуқ дорад ба дигар фаъолияте, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» пешбинӣ намудааст, машғул шавад, аз он ҷумла;

**- ҳиссаҳои иштирокчиёнро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон харидорӣ намояд;**
**- маблағҳои озоди худро дар ташкилотҳои қарзӣ ҷойгир намоянд;**
**- тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи андозаи қарзи хурд ба иҷораи молиявӣ (лизинг) машғул шаванд, ҳамчунин аз ташкилотҳои қарзӣ, шахсони воқеию ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ қарз гиранд.**

3.3. Ҷамъият ҳуқуқ надорад:

- ба фаъолияте, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ва иҷозатнома пешбинӣ накардааст, машғул шавад;
- ба шахсони дигар барои харидани қоғазҳои қимматноки баровардаи худ қарз диҳанд;
- таҳти гарави ҳиссаҳои худ қарз диҳанд, аз ҷумла қарзе, ки аз иҷрои ҳар гуна ӯҳдадори бармеояд;
- бо асъори хориҷӣ қарз диҳанд;
- дар бозори қоғазҳои қиматнок фаъолияти касбиро анҷом диҳанд;
- ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва суғурта машғул шаванд;
- соҳиби молу мулки ғайриманқул гарданд, ба истиснои молу мулки ғайриманқуле, ки барои таъмини фаъолияти худ ва эҳтиёҷоти иҷтимоии кормандон, аз ҷумла таъмини онҳо бо манзил зарур аст.
- Ҷамъият ӯҳдадор аст молу мулки ғайриманқулеро, ки дар рафти гузаронидани амалиёти бонкӣ ба даст овардааст, ҳангоми зарар надидан дар муддати се моҳ ва дар дигар ҳолатҳо дар муддати на дертар аз ду соли баъди ба даст овардани он фурушад.

3.4. Намудҳои фаъолият, ки бояд иҷозатнома гирифта шаванд, аз тарафи Ҷамъият танҳо пас аз гирифтани иҷозатнома бо тартиби муқарарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ мегардад.

## Боби 4. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ҶАМЪИЯТ

4.1. Ҷамъият вазъи шахси ҳуқуқиро аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он ба сифати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд дар мақомоти давлатие, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст ба даст меорад. Ҷамъият оид ба ӯҳдадориҳои худ танҳо дар ҳудуди арзиши амволи худ масъул мебошад. Ҷамъият соҳиби амвол бо ҳуқуқи молик мебошад ва оид ба ӯҳдадориҳои худ бо ин амвол масъул аст. Ҷамъият оид ба ӯҳдадориҳои Иштирокчиёни худ масъул нест. Забонҳои расмӣ ва кории Ҷамъият забони тоҷикӣ мебошад.

4.2. Ҷамъият дорои суратҳисоб ва ҳисобҳои дигар дар бонкҳо бо асъори миллӣ, чи дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи берун аз ҳудуди он мутобиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

4.3. Ҷамъият мӯҳри гирд бо нишон додани шакли ташкилию ҳуқуқӣ, штампҳо, бланкҳо бо номи худ, тамғаи худ ва дигар нишонҳои инфиродии визуалӣ дорад.

4.4. Ҷамъият дар фаъолияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкурро дастури амал қарор медиҳад.

4.5. Иштирокчиёни Ҷамъият метавонанд шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бошанд. Иштирокчии Ҷамъият оид ба ӯҳдадориҳои он масъул намебошанд.

4.6. Давлат оиди ӯҳдадориҳои Ҷамъият ва Ҷамъият оиди ӯҳдадориҳои давлат масъулият надорад.

4.7. Ҷамъият ҳуқуқ дорад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ метавонанд бо дигар ташкилотҳои маблағгузории хурд, иттиҳодияҳо, (ассотсиатсияҳо) ташкил намояд.

4.8. Ҷамъият ҳуқуқ дорад филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохториро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кушояд ва таъсис диҳад.

## Боби 5. САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТ.
## ҲИССАҲО ДАР САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТ

5.1. Сармояи оинномавии Ҷамъият аз арзиши саҳми Иштирокчиёни он ташкил меёбад.

5.2. Сармояи оинномавии Ҷамъият 3546908 (се миллиону панҷсаду чилу шаш ҳазору нӯҳсаду ҳашт) сомониро ташкил медиҳад.

5.3. Ҳиссаи Иштирокчии Ҷамъият дар Сармояи оинномавӣ иборат аст:

**- Ташкилоти Ҷамъиятии Маркази дастгирии ҷамоати «Наргис»-и ноҳияи Бохтар 1419065** (як милиону чорсаду нуздах ҳазору шасту панҷ) сомонӣ, яъне – 40,0% аз ҳаҷми умумии Сармояи оинномавӣ.

**Ташкилоти Ҷамъиятии Маркази дастгирии ҷамоати «Обшорон»-и ноҳияи Шаҳритуз, 1459157** (як милиону чорсаду панҷоҳу нӯҳ ҳазору яксаду панҷоҳу ҳафт) сомонӣ,яъне 41,1% аз ҳаҷми умумии Сармояи оинномавӣ

**Ташкилоти Ҷамъиятии Маркази дастгирии ҷамоати «Ворух»-и ноҳияи Исфара, 668686** (шашсаду шасту ҳашт ҳазору шашсаду ҳаштоду шаш) сомони, яъне 18,9% аз ҳаҷми умумии Сармояи оинномавӣ.

Арзиши номиналии ҳиссаи Иштирокчиён ба 3546908 (се миллиону панҷсаду чилу шаш ҳазору нӯҳсаду ҳашт) сомони баробар аст.

5.4. Сармояи Оинномавии Ҷамъият метавонад бо воситаҳои пули миллӣ, ташаккул дода шавад.

5.5. Пардохти ҳаҷми пурраи Сармояи оинномавии Ҷамъият то ба даст овардани иҷозатнома бо роҳи ворид намудани воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби бонкии Ҷамъият, амалӣ мегардад. Танҳо пас аз пардохти пурраи Сармояи оинномавӣ, ҳангоми иҷозатномаи дахлдори Бонки миллии Тоҷикистонро ба даст овардан, Ҷамъият ҳуқуқ дорад, фаъолияти худро ба сифати ташкилоти қарзии хурд амалӣ намояд.

5.6. Ҳуқуқи Иштирокчӣ мутаносиб ба ҳаҷми ҳиссаи он дар сармояи оинномавии Ҷамъият мебошад.

5.7. Афзоиши сармояи оинномавии Ҷамъият метавонад аз ҳисоби амволи Ҷамъият, аз ҳисоби саҳмҳои иловагии Иштирокчи ва аз ҳисоби саҳмҳои пулии шахсони сеюм амалӣ гардад.

## Боби 6. АМВОЛИ ҶАМЪИЯТ

6.1. Амволи Ҷамъият аз ҳисоби инҳо ташкил меёбад:

6.1.1. саҳми Иштирокчиёни Ҷамъият;

6.1.2. даромад аз хизматрасониҳое, ки Ҷамъият дар натиҷаи фаъолияти хоҷагӣ мерасонад;

6.1.3. фоидаи гирифташуда, инчунин амволи дигар, ки аз тарафи он бо асосҳои дигаре, ки қонунгузорӣ иҷозат медиҳад, ба даст омадааст.

6.2. Ҷамъият ӯҳдорааст аз фоидаи дар ихтиёраш боқимонда, ки аз онҳо дивидендҳо пардохта мешавад, фонди захиравӣ таъсис диҳад.

6.3. Бо қарори Маҷлиси умумии Иштирокчиёни Ҷамъият метавонад дигар фондҳои Ҷамъият низ бошанд.

6.4. Ҷамъият дар назди мақомоти давлатт, аз ҷумла дар назди мақомоти андоз, омор ва ғайра мустақилона ҷавобгӯ мебошад.

6.5. Ҷамъият метавонад амволи зикршавандаро дар ҳудуди маҳдудияти муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ба даст орад, соҳибӣ кунад, истифода намояд, фурӯшад ё бо роҳи дигар бегона намояд:

6.5.1. амволи манқул ва ғайриманқул, ки танҳо барои амалисозии фаъолияти Ҷамъият истифода менамояд;

6.5.2. Ҷамъият ӯҳдадор аст молу мулки ғайриманқулеро, ки дар рафти гузаронидани амалиёти бонкӣ ба даст овардааст, ҳангоми зарар надидан дар муддати се моҳ ва дар дигар ҳолатҳо дар муддати на дертар аз ду соли баъди ба даст овардани он фурӯшад.

6.6. Амволи Ҷамъият наметавонад ба Иштирокчӣ ё кормандони Ҷамъият ба сифати пардохт барои мол, хизматрасонӣ ё дигар навъи хуброн бо шартҳои қобили қабул нисбат ба барои дигар шахсон, дода шавад.

## 7. ГУЗАШТАНИ ҲИССА (ҚИСМИ ҲИССА) ДАР САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТ БА ДИГАР ШАХС. ЗИЁДКУНИИ САРМОЯИ ОИННОМАВӢ

7.1. Баъд аз таъсиси Ҷамъият ба сифати шахси ҳуқуқии бақайдгирифташуда, Иштирокчии Ҷамъият метавонад ба сармояи оинномавӣ саҳми иловагӣ ворид намуда ҳиссаи худро зиёд намояд. Саҳми иловагӣ ва зиёдкунии сармояи оинномавӣ ва дар хусуси тағйироту иловаҳои дахлдор ба Оинномаи Ҷамъият бо қарори Иштирокчии Ҷамъият қабул мегардад.

7.2. Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқ дорад ҳиссаи худро дар Сармояи оинномавии Ҷамъият, ё қисми онро танҳо пас аз оне, ки аз харидани он дигар иштирокчиёни Ҷамъият ибрози рад намудаанд, ба шахсони сеюм фурӯшад ё бо дигар роҳ гузашт кунад. Дар ин ҳолат сахми умумии Сармояи оинномавӣ бетағйир мемонад, вале таносуби фоизӣ дар Сармояи оинномавӣ марбут ба қисми ҳиссаи Иштирокчӣ, ки ин ҳиссаро фурӯхтааст, якҷоя бо ҳуқуқҳои дахлдори Иштирокчӣ ба харидор татбиқ мешавад.

7.3. Иштирокчӣ ҳуқуқ дорад ҳама ё қисми ҳиссаи худро ба ҳар шахси сеюм, фурӯшад ё бо дигар роҳ гузашт кунад.

7.4. Иштирокчиён метавонанд бо қарори худ сармояро оид ба ҷалби саҳмҳои иловагӣ ба Сармояи оинномавӣ зиёд кунанд. Иштирокчиён зиёдшавии Сармояи оинномавӣ, саҳмҳои иловагии шахсони сеюми ба Ҷамъият қабулшавандаро ва тағйироту иловаҳои дахлдорро ба Оинннома бо қарори худ, қабул менамояд.

## 8. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТ

8.1. Мақомоти идоракунии Ҷамъият инҳоянд:

- Мақоми олӣ - Маҷлиси умумии Иштирокчиёни Ҷамъият;
- Мақоми идоракуни - Шӯрои нозирони Ҷамъият;
- Мақоми иҷроия - Директори Ҷамъият.

## 9. МАҶЛИСИ УМУМИИ ИШТИРОКЧИЁНИ ҶАМЪИЯТ

9.1. Иштирокчиён муқаррароти Оинномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури амал қарор медиҳад ва мақоми олии идоракунии Ҷамъият мебошад.

9.2. Иштирокчиён на дертар аз давоми 90 (навад) рӯз пас аз ба охиррасии соли молиявии Ҷамъият оиди натиҷаҳои солонаи фаъолияти Ҷамъият қарор қабул мекунанд.

9.3. Директор дар мувофиқа бо Раиси Шӯрои Нозирон на дертар аз 60 (шаст) рӯз пас аз ба охиррасии соли молиявии Хамъият, ба Маҷлиси умумии иштирокчиён оиди натиҷаҳои солонаи фаъолияти Ҷамъият маълумоти мухтасарро пешниҳод менамояд.

9.4. Ба салоҳияти Маҷлиси умумии иштирокчиён чунин масъалаҳо дохил мешавад:

9.4.1. баррасӣ ва тасдиқи ҳисоботи солона, тавозуни муҳосибавӣ, ҳисоби даромад ва зиёни Ҷамъият, ки Директор ва Шӯрои Нозирони Ҷамъият пешниҳод менамояд;

9.4.2. қабули қарор оиди тақсими фоидаи софи ҷамъият дар байни иштирокчиёни ҷамъият;

9.4.3. азнавташкилдиҳии Ҷамъият;

9.4.4. барҳамдиҳии Ҷамъият, таъини комиссияи барҳамдӣ ва тасдиқи тавозунҳои фосилавӣ ва барҳамдӣ;

9.4.5. тағйир додани оинномаи ҷамъият, аз ҷумла тағйир додани ҳаҷми сармояи оинномавии ҷамъият

9.4.6. ворид кардани тағйирот ба шартномаи таъсисотӣ;

9.4.7. таъсис додани мақомоти иҷроияи ҷамъият ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати онҳо, инчунин қабули қарор оиди додани ваколатҳои мақомоти яккасардории иҷроияи ҷамъият ба ташкилоти тиҷоратӣ ё соҳибкори инфродӣ (минбаъд-роҳбар), тасдиқ кардани чунин роҳбар ва шартҳои шартнома бо ӯ;

9.4.8. тасдиқ ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба низомнома оид ба Шӯрои Нозирони Ҷамъият;

9.4.9. тасдиқ ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба низомнома оид ба Директори ичроияи Ҷамъият;

9.4.10. кушодани филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохторӣ;

9.4.11. тасдиқ ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба низомнома оид ба филиалҳои Ҷамъият;

9.4.12. қабули қарорҳо оид ба боз доштани фаъолият ё барҳам додани филиалҳо, намояндагиҳо ё воҳидҳои дигари сохторӣ;

9.4.13. тасдиқи Аудитори берунии Ҷамъият, таъини санхиши аудиторӣ ва муайянкунии сахми пардохти хизматҳои Аудитории берунӣ;

9.4.14. интихоб ва пеш аз мӯҳлат қатъ кардани ваколатҳои комиссияи тафтишотӣ

9.4.15. тасдиқи (қабули) хуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти дохилии ҷамъият (хуҷҷатҳои дохилии ҷамъият); (ревизорӣ) ҷамъият;

9.4.16. тасдиқи ҳисоботҳои солона, тавозунҳои муҳосибавӣ, ҳисобҳои даромад ва зиёни Ҷамъият, тақсими даромад ва зиён;

9.4.17. муайянсозии самтҳои асосии фаъолияти Ҷамъият, инчунин қабули қарор оид ба иштирок дар ассотсиатсияҳо ва дигар иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ.

9.4.18. муайянсозии ҳайати миқдории Шӯрои Нозирони Ҷамъият, интихоби аъзоҳои он ва қатъи пеш аз мӯҳлати ваколатҳои онҳо ё тағйири салоҳияти Шӯрои Нозирон;

9.4.19. қабули дигар қарорҳое, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

9.5. Қарорҳои Маҷлиси умумии Иштирокчиён аз тарафи онҳо қабул карда ва хаттӣ ба расмият дароварда мешавад.

## Боби 10. ШӮРОИ НОЗИРОНИ ҶАМЪИЯТ

10.1. Шӯрои Нозирони Ҷамъият мақоми идоракуни буда роҳбарии умумии Ҷамъиятро, ба истисноӣ ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти истисноии Маҷлиси умумии Иштирокчиён дохил шудаанд, амалӣ менамояд.

10.2. Шӯрои Нозирони Ҷамъият қоидаҳои танзимкунандаи фаъолияти маъмурӣ ва молиявӣ, инчунин Низомнома оид ба кормандон ва Қоидаҳои тартиби меҳнатии дохилиро муқаррар менамояд.

10.3. Ба салоҳияти Шӯрои Нозирони Ҷамъият чунин масъалаҳо дохил мешаванд:

10.3.1. тасдиқи буҷети солона, ки Директор пешниҳод менамояд, ё рад кардани он;

10.3.2. тасдиқи бизнес-нақшаҳо, баррасии ҳисоботҳои солонаи муҳосибавӣ ва молиявӣ, инчунин ҳисоботҳои семоҳа ва солона оид ба фаъолияти Ҷамъият, ва ба тасдиқи Маҷлиси умумии Иштирокчиён пешниҳод намудани онҳо;

10.3.3. муайянсозии принсипҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, аз ҷумла фаврӣ, идоракунӣ ва принсипҳои корӣ дар доираи нишондодҳои Маҷлиси умумии Иштирокчиён;

10.3.4. иҷозат додани аҳдҳои калон, марбут ба харид, бегонакунии амвол аз тарафи Ҷамъият, ки арзиши онҳо аз 15% ва на зиёда аз 25%-ро аз арзиши тавозунии амволи Ҷамъият ташкил медиҳад;

10.3.5. мутаррарсозӣ ва танзим мутобиқи муқаррароти Оинномаи мазкур хусусият ва сахмҳои захираҳои Ҷамъият, инчунин истифодаи онҳо;

10.3.6. таъини аъзо ва назорати фаъолияти кумитаҳо, ки ҳангоми зарурат дар назди Шӯрои нозирон таъсис дода мешаванд;

10.3.7. назорат ба амалҳо ва фаъолияте, ки аз доираи кори ҳаррӯза мебароянд;

10.3.8. тасдиқи принсипҳои ҳисоб ва расмиёти муҳосибавӣ дар Ҷамъият мутобиқи талаботи Оинномаи мазкур, аз ҷумла сиёсат нисбат ба амортизатсияи амвол;

10.3.9. ҳалли масъалаҳои сиёсати сармоягузории Ҷамъият ва гузаронидани мониторинги он;

10.3.10. ҳалли масъалаҳо оид ба бастани аҳдҳо, ки дар содир кардани онҳо ҳавасманди вучуд дорад ба истисноӣ ҳолатҳое, ки агар маблағи пардохти аҳд ё арзиши амволе, ки предмети аҳд мебошад, аз ду фоизи арзиши амволи Ҷамъият зиёд буда, он дар асоси маълумоти ҳисоботи муҳосибавӣ дар давраи охирини ҳисоботи муайян шуда бошад.

10.3.11. амалисозии назорат ба иҷрои қарорҳои Иштирокчиёни Ҷамъият, дигар фаъолияти Директори Ҷамъият, шунидани ҳисоботи хизматии воҳидҳои сохтории Ҷамъият;

10.3.12. додани дастурҳои мушаххас ба воҳидҳои сохтории Ҷамъият дар доираи салоҳияти худ;

10.3.13. таъсиси шӯъбаи аудит ва назорати дохилӣ, муайянсозии миқдори узви ин шӯъба, тасдиқ ва озодкунии кормандони шӯъба, тасдиқи муқаррароте, ки кори шӯъбаи аудит ва назорати дохилиро танзим менамояд.

10.4.1. Ба салоҳияти истисноии Шӯрои Нозирони Ҷамъият чунин масъалаҳо дохил мешаванд:

10.4.2. ба Маҷлиси умумии Иштирокчиён оиди натиҷаҳои солонаи фаъолияти Ҷамъият маълумоти мухтасарро пешниҳод менамояд;

10.4.3. ирсоли огоҳӣ ва иттилоот нисбат ба қарорҳои Маҷлиси умумии Иштирокчиён, ва ҳалли дигар масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои Нозирони Ҷамъият дохил шудаанд;

10.4.4. ба даст овардани саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматнок;

10.4.5. интихоби Директори Ҷамъият;

10.4.6. қатъи пеш аз мӯҳлати ваколатҳои Директори Ҷамъият;

10.4.7. муқаррар намудани сахми музди меҳнатие, ки ба Директори Ҷамъият мепардозанд;

10.4.8. тавсияҳо оид ба ҳаҷми пардохти хизмат, ки ба Аудитори берунии Ҷамъият пардохта мешавад ва шартҳои қарордод бо Аудитори берунӣ;

10.4.9. тасдиқи рӯйхати штатӣ;

10.4.10. тавсияҳо оид ба натиҷаҳои даромад ва тартиби пардохти онҳо;

10.4.11. истифодаи фондҳои захиравӣ ва ғайраи Ҷамъият;

10.4.12. тасдиқи ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият, ки тартиби фаъолияти макоми ичроия Ҷамъиятро муайян менамоянд;

10.4.13. дигар масъалаҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур пешбинӣ шудаанд.

10.5. Шӯрои Нозирони Ҷамъият аз 5 (панх) аъзо иборат аст. Узви Шӯрои Нозирон аз тарафи Мачлиси умумии иштирокчиён интихоб мегардад. Узви Шӯрои Нозирони Ҷамъият метавонанд шахсони воқеии қобили меҳнати қобилияти амалкунии гражданиашон маҳдуд набуда ва соҳиби донишҳои тахассусии зарурӣ ва таҷрибаи амалии корӣ бошанд.

10.6. Шӯрои Нозирон Раиси Шӯрои Нозиронро интихоб менамояд. Узви Шӯрои Нозирон метавонанд ҳар миллат ва шаҳрванд бошанд. Директори Ҷамъият наметавонад дар як вақт узви Шӯрои Нозирони Ҷамъият бошад.

10.7. Раис ва узви Шӯрои Нозирон ба мӯҳлати 3 (се) сол интихоб мегарданд. Ваколати онҳо метавонад пеш аз мӯҳлат бо қарори Мачлиси умумии Иштирокчиёни Ҷамъият қатъ гардад. Аз нав интихобкуни узви Шӯрои Нозирон бештар аз як маротиба ба мӯҳлати муқарраршудаи Оинномаи мазкур роҳ дода мешавад.

10.8. Шӯрои Нозирони Ҷамъият фаъолияти худро дар шакли маҷлис, ки тартиби гузаронидани онҳо бо низомнома оид ба Шӯрои Нозирони Ҷамъият муайян мешавад, ки аз тарафи Мачлиси умумии иштирокчиёни Ҷамъият тасдиқ мегардад, амалӣ менамояд.

10.9. Кворум барои гузаронидани махлиси Шӯрои Нозирон иштироки 2/3 (аз се ду ҳиссаи) узви Шӯрои Нозиронро ташкил медиҳад. Шӯрои Нозирон қарорҳоро бо бартарии оддии овозҳои ҳамаи узви иштирокдоштаи Шӯрои Нозирон қабул менамояд.

10.10. Барои бурдани протоколи маҷлиси Шӯрои Нозирони Ҷамъият, Раиси Шӯрои Нозирон ва котибро таъин менамояд.

10.11. Протоколи махлиси Шӯрои Нозирони Ҷамъият надертар аз 15 (понздаҳ) рӯз пас аз гузаронидани он тартиб дода мешавад. Протокол аз тарафи раискунанда дар маҷлис имзо мешавад, инчунин бояд аз тарафи котиби махлиси Шӯрои Нозирон имзо гардад.

10.12. Маҷлиси Шӯрои Нозирон, чун қоида дар макони чойгиршавии Ҷамъият гузаронида мешавад, ба истисноi ҳолатҳое, ки дар маҷлиси гузаштаи Шӯрои Нозирон қарори якдилона оид ба тағйири макони маҷлис қабул гардида буд. Дар бораи вақти гузаронидани маҷлиси навбатии Шӯрои Нозирон ҳамаи узви он аз тарафи Раиси Шӯрои Нозирон надертар аз 21 (бисту як) рӯз огоҳ карда мешаванд, агар ин вақт бо қароре, ки дар маҷлиси гузашта қабул гардида буд, муайян нашуда бошад.

10.13. Ҳамаи хароҷот марбут ба гузаронидани маҷлиси Шӯрои Нозирони Ҷамъият аз ҳисоби Ҷамъият ҷуброн мешавад.

## Боби 11. ДИРЕКТОРИ ҶАМЪИЯТ

11.1. Барои роҳбарии фаъолияти ҷории ҳамарӯзаи Ҷамъият Шӯрои Нозирон Директори Ҷамъиятро таъин менамояд. Шӯрои Нозирон шартҳои шартномаи меҳнатиро бо Директори Ҷамъият муайян менамояд. Раиси Шӯрои Нозирон бо Директори Ҷамъият шартномаи меҳнатӣ мебандад. Директори Ҷамъият ба Шӯрои Нозирон ва Иштирокчиён ҳисоботдиҳанда мебошад.

11.2. Ба салоҳияти Директори Ҷамъият ҳамаи масъалаҳои роҳбарии ҷории фаъолияти Ҷамъият, ба истисноi масъалаҳое, ки ба салоҳияти истисноии Иштирокчиён ё Шӯрои Нозирони Ҷамъият дохил шудаанд, шомиланд. Хусусан, ба салоҳияти Директори Ҷамъият дохил мешаванд:

11.3. роҳбарӣ ва назорат ба иҷроиши қарорҳои Иштирокчиён ва Шӯрои Нозирони Ҷамъият;

11.3.1. намояндагии манфиатҳои Ҷамъият дар муносибат бо ҳамаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, судҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон;

11.3.2. бастани аҳдҳо аз номи Ҷамъият;

11.3.3. додани ваколатнома бо ҳуқуқи намояндагӣ аз номи Ҷамъият;

11.3.4. қабул ва озод кардани кормандони Ҷамъият;

11.3.5. татбиқи чораҳои мукофотонидан ва додани ҷазоҳои интизомӣ ба кормандони Ҷамъият;

11.3.6. интишори фармонҳо, инчунин додани нишондодҳо, ки иҷроишашон барои ҳамаи кормандони Ҷамъият ҳатмӣ мебошад.

11.4. Директори Ҷамъият ҳуқуқ дорад фаъолияти худро аз номи Ҷамъият бе ваколатнома амалӣ намояд.

11.5. Директори Ҷамъият ӯҳдадораст:

11.5.1. дар фаъолияти худ талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

11.5.2. талаботи Оинномаи мазкур, қарорҳои мақомоти идораи Ҷамъият, ки дар доираи салоҳияти онҳо қабул шудааст, инчунин шартномаи меҳнатии байни Ҷамъият ва Директори Ҷамъият басташударо дастури амал қарор диҳад;

11.5.3. ба манфиати Ҷамъият софдилона ва боақлона амал намояд.

11.6. Ваколатҳои ба салоҳияти истисноии Иштирокчиён дохилкардашуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонанд, барои ҳалли Директори Ҷамъият гузаронида шаванд.

## Боби 12. ТАЪМИНИ МАНФИАТҲОИ МИЗОҶОНИ (МУШТАРИЁНИ) ҶАМЪИЯТ

12.1. Маълумот дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ, ки ба Ҷамъият ва кормандони ё ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштарӣ ё бо шахси сеюм маълум шудааст ва ошкор кардани он метавонад ба муштарӣ зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад, сирри бонкӣ мебошад. Ҷамъият махфиятро оид ба сирри бонкии муштариёни худ кафолат медиҳад.

12.2. Ҳамаи кормандони Ҷамъият ва худи он ӯҳдадоранд махфиятро оид ба сирри бонкии муштариёни Ҷамъият, ҳифз намоянд.

12.3. Рӯйхати иттилооте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, боназардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» муайян мегардад.

12.4. Тартиби кори иттилоот, ки ба сирри бонкӣ дохил карда шудаанд ва масъулият барои вайронкунии тартиби кор бо он тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад.

12.5. Муносибати Ҷамъият бо муштариён:

12.6. муносибати Ҷамъият бо муштариён дар асоси шартнома амалӣ мегардад;

12.6.1 Ҷамъият бояд то бастани шартномаи қарзӣ ба муштарӣ оид ба фоизи қарз, ки ҳамаи хароҷоти вобаста ба пешниҳод ва хизматрасонии қарзро дар бар мегирад, маълумот пешниҳод намоянд;

12.6.2.Ҷамъият ҳуқуқи яктарафа тағйир додани шартҳои шартномаҳои қарзиро надорад;

12.6.3. Ҷамъият ба муштариён хизматҳои машваратию иттилоотӣ мерасонад;

12.6.4. Нисбат ба талаботи Ҷамъият дар бораи баргардонидани қарзи хурд мӯҳлати панҷсолаи даъво татбиқ мегардад;

12.6.5. Ҷамъият ӯҳдадораст дар бораи иҷрои ҳама гуна аҳд ва амалиёти шубҳаноки муштариёни худ (кӯшиши анҷом додани аҳд ва амалиёти шубҳанок) ба мақоми ваколатдори давлатии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи хиёнат бадастоварда ва маблағгузории терроризм бо тартиби муқаррарнамудаи қонун хабар диҳад ва ин амалҳои Ҷамъият, вайронкунии талаботи сирри бонкӣ ҳисоб карда намешаванд.

## Боби 13. ҲИСОБ ВА ҲИСОБОТИ ҶАМЪИЯТ. ҲИФЗИ ҲУҶҶАТҲО

13.1. Баҳисобгирии муҳосибавӣ дар Ҷамъият мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Ҷамъият ҳисоботи оморӣ ва ғайраро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш мебарад.

13.2. Соли молиявии Ҷамъият аз 1 январ оғоз меёбад ва 31 декабр ба анҷом мерасад.

13.3. Ҷамъият метавонад ҳисоботи солонаро оид ба даромад ва зиён дар матбуот пас аз тасдиқи дурустии он аз тарафи ташкилоти аудиторӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намояд.

13.4. Ҷамъият ӯҳдадор аст ҳуҷҷатҳоро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар макони ҷойгиршавии мақомоти идораи он ҳифз намояд. Масъулият барои ҳисоб ва маҳфузии ҳуҷҷатҳои Ҷамъият ба ӯҳдаи Директори Ҷамъият мебошад.

13.5. Ҷамъият маҳфузият, ба тартиби зарурӣ овардан, ҳифзи тӯлонӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳоро бо тартиби пешбининамудаи Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

13.6. Ҳайати ҳуҷҷатҳо ва мӯҳлати нигоҳдории онҳо мутобиқи тартиби бо Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқашудаи рӯйхат (номгӯи ҳуҷҷатҳо) муайян мегардад.

## Боби 14. МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ФИЛИАЛҲОИ ҶАМЪИЯТ

14.1 Ҷамъият филиалҳои зеринро худро дорад:

- филиали ҶДММ ТҚХ «Меҳнатобод» дар шаҳри Исфара, суроғаи ҳуқуқии филиал: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Исфара, ҷамоати Ворух, кӯчаи Рудакӣ -123;
- филиали ҶДММ ТҚХ «Меҳнатобод» дар ноҳияи Шаҳритуз, суроғаи ҳуқуқии филиал: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Шаҳритуз, ҷамоати Обшорон, деҳаи Бинокор.

14.2 Ҳолати ҳуқуқии филиалҳои Ҷамъият ба таври мушаххас дар Низомнома дар бораи филиалҳо, ки аз тарафи Ҷамъият тасдиқ карда шудааст, дарҷ карда мешаванд.

## Боби 15. НАЗОРАТ БА ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИИ ҶАМЪИЯТ

15.1 Барои ҳифзи манфиатҳои Ҷамъият, инчунин мизоҷони Ҷамъият, таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур ва дигар низомномаҳои дохилии Ҷамъият, дар Ҷамъият метавонад шӯъбаи аудит ва назорати дохилӣ таъсис дода шавад.

15.2 Шӯъбаи аудит ва назорати дохилӣ аз маъмурияти Ҷамъият мустақил мебошад ва ба Шӯрои Нозирон ҳисоботдиҳанда мебошад. Роҳбари шӯъбаи аудит ва назорати дохилӣ ба вазифа аз тарафи Шӯрои Нозирон таъин ва озод карда мешавад.

15.3 Шӯъбаи аудит ва назорати дохилӣ фаъолияти худро мутобиғи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, қарорҳои Шӯрои Нозирон ва низомнома оид ба шӯъбаи аудит ва назорати дохилӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият амали менамояд.

15.4 Ба ваколати шӯъбаи аудит ва назорати дохилӣ чунин масъалаҳо дохил мешаванд:

15.4.1 назорати риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои меъёри хукукии Бонки миллии Тоҷикистон, дигар талаботи танзими аз тарафи кормандони Ҷамъият ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои хизматии худ, инчунин меъёрҳои фаъолият ва меъёрҳои

одоби хизмати, ҳуҷҷатҳои дохили, ки сиёсатро муайян менамоянд ва фаъолияти Ҷамъиятро танзим менамоянд;

15.4.2 танзими зиддияти манфиатҳо, ки дар раванди фаъолияти Ҷамъият ба вуҷуд меоянд;

15.4.3 таъмини назорат ба идентификатсиякунонии саривақти, баҳодиҳи ва дидани чораҳо оид ба камкунии хавфи фаъолияти Ҷамъият.

15.5 Тартиби кори шӯъбаи аудит ва назорати дохили бо Низомномаҳое, ки кори шӯъбаи аудит ва назорати дохилиро танзим менамоянд, муайян мегардад, ки аз тарафи Шӯрои Нозирони Ҷамъият тасдиқ мегардад.

15.6 Назорат ба фаъолияти Ҷамъият аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоте, ки ба амалисозии он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор шудаанд, амали мегардад.

15.7 Барои санҷиш ва тасдиқи дурустии ҳисоботи солонаи молиявии Ҷамъият, он ҳар сол ташкилоти аудитори беруниро (Аудиторро) ҷалб менамояд, ки бо манфиатҳои молумулки бо Ҷамъият ё иштирокчиёни он алоқа надорад (аудити беруни) ва дорои иҷозатнома барои амалисозии чунин санҷиш мебошад. Аудити берунии ҳисоботи молиявии солонаи Ҷамъият бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ҳар сол гузаронида мешавад.

15.8 Аудитори беруни аз тарафи Иштирокчии Ҷамъият тасдиқ мегардад. Санҷиши аудитории Ҷамъият мутобиқи қонунгузории Ҷумурии Тоҷикистон дар асоси шартномае, ки бо аудитории беруни баста шудааст, амали мегардад.

15.9 Ҳангоми таҳияи хулосаи аудитори масъалаҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

15.9.1. қобили қабул будани гузориш ва иттилооте, ки аз корманди роҳбарикунанда, корманд ё намояндаи Ҷамъият ҳангоми аудит талаб шудааст;

15.9.2. дараҷаи воқеан ҷавобгӯи будани Ҷамъият ба талаботи низоми назорати дохили ва муҳосибави;

15.9.3. усуле, ки Ҷамъият барои пешбурди китобҳои ҳисобдори, ҳуҷҷатҳо, ҳисобот ва фарогирии амалиёт, ки барои мониторинг ва аудити дохилию беруни зарур аст, истифода мебарад;

15.9.4. қобилияти кордони ва ба талабот мувофиқ будани роҳбарияти Ҷамъият;

15.9.5. камбудиҳои ҷойдошта, эродҳо ва тавсияҳо барои бартараф кардани онҳо, инчунин иҷрои тавсияҳо ва бартараф намудани эродҳои солҳои гузашта;

15.9.6. дараҷаи саҳеҳии ҳуҷҷатҳои ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳодшуда ва мувофиқати онҳо ба мазмуни сабтҳо, китобҳои ҳисобдори, низоми ҳисобдори ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ҳамин ҳуққатҳо.

## Боби 16. ГИРИФТАНИ ДАРОМАД АЗ ТАРАФИ ИШТИРОКЧИЁН

16.1 Оид ба гирифтани даромад (қисми даромад) аз тарафи Иштирокчиён мутобиқи ҳисоботи ҳарсолаи молияви қарор қабул мегардад.

16.2 Даромад ё қисми даромад, ки ба Иштирокчиён ирсол гаштааст, мутаносиб ба саҳми Иштирокчиён дар Сармояи оинномавии Ҷамъият метавонад накд бо пардохтҳои бонки ё дигар тарз, ки бо қонунгузори манъ нашудааст, пардохта шавад.

## Боби 17. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ҶАМЪИЯТ

17.1 Азнавташкилдиҳии (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо кардан, табдил додан) Ҷамъият баъди гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амали мегардад.

17.2 Ҳангоми азнавташкилдиҳии Ҷамъият ҳуқуқу ухдадориҳои он ба ҳуқуққабулкунандагон мегузарад. Хамаи ҳуҷҷатҳои мӯҳлати нигоҳдориашон нагузашта бо тартиби муқарраргардида ба ҳуқуққабулкунандаи он мегузаранд.

17.3 Ҷамъият метавонад бо қарори суд бо асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шавад. Барҳамдиҳии Ҷамъият боиси қатъ гардидани он бидуни ба ашхоси дигар ба тариқи ворисӣ ҳуқуқ гузаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳояш мегардад ва он тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» амалӣ мегардад.

## Боби 18. МУҚАРРАРОТИ ДИГАР

18.1. Агар ягон аз муқаррароти Оинномаи мазкур беэътибор шавад, он ба эътиборнокии муқаррароти боқимонда дахл намекунад. Дар ин ҳолат Иштирокчи оид ба ивази муқаррароти беэътибор ба муқаррароте, ки ба расидан ба натиҷаҳои иқтисодии зарури боис мегарданд, қарор қабул менамояд.

18.2. Тағйироту иловаҳо ба Оинномаи мазкур бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

18.3.Ҳаргуна баҳсу гуногунфаҳмиҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти Ҷамъият бояд ки дар ҷаласаҳои Шӯрои Нозирон ва аз тарафи Иштирокчиёни Ҷамъият барраси шаванд. Дар ҳолати ҳал нагаштани баҳсҳо маводҳои баррасишаванда мувофиғи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба мақомоти судӣ дода шаванд.